# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №__

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27-уми августи соли 2020, №7**

Барои сазовор донистани Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад»**, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, рӯзи 19-уми марти соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61 ) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна 22-юми декабри соли 1974 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1997 ба факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти точик хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи мудири шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Салихов Шамсидин Аслидинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

2. **Ҳошимова Хуршеда Абдумаcontainerовна** – номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Н. С. Шамсов имзо ва аз ҷониби ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабзода Маҳмадулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «**Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад**» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, оид ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, муаллифи он Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М]. Ҳайдарова, С. А. Рӯҳи бешикаст [мулоҳизаҳо оид ба китоби дуюми романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад] / С. А. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2016. –№4/6 [212]. – С. 253-257.

[2-М]. Ҳайдарова, С. А. Истифодаи анъанаи гузаштагон дар масъалаи интиқоли образҳо / С. А. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/1. – С. 233-240.

[3-М]. Ҳайдарова, С. А. Бозҷӯи масоили иҷтимоӣ дар романи «Гардиши девбод»- Абдулҳамид Самад // С. А. Ҳайдарова /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. №7. С. 228-235.

[4-М]. Ҳайдарова, С. А. Романи «Гардиши девбод» ва хусусиятҳои сохториву мундариҷавии он» // С. А. Ҳайдарова / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. №8. қ. 2. С. 248-256.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд:**

[5-М]. Хайдарова, С. А. Краткое сравнительное описание таджикской и русской литературы // С. А. Хайдарова. Материалы Республиканской научно практической конференции. – Душанбе: –2017. – 2 декабр.

[6-М]. Ҳайдарова, С. А. Масъалаи интиқоли образҳо дар асарҳои А. Самад [Дар мисоли китоби дуюми «Гардиши девбод»] // С. А. Ҳайдарова / Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: 2016. – 3 декабр.

[7-М]. Ҳайдарова, С. А. Давраҳои эҷодиёти А. Самад. // Масъалаҳои мундариҷа дар адабиёти даврони истиқлол / С. А. Ҳайдарова. Душанбе: – 2017. – 2 декабр.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон О. Ш. Саидҷаъфаров чунин эрод гирифтааст: «Ягона эроде, ки дар фишурда ба назар мерасад, ин наовардани адабиёти истифодашуда дар қисмати анҷоми фишурда мебошад». Аз доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Р. Ҳ. Тағоймуродов ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики ҳамин муассиса С. Г. Аҳмадов ба афтореферат ба таври зайл эрод гирифта шудааст: «Дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ аз қабили ғалатҳои имлоиву техникӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд». Ҳамчунин аз номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Г. Н. Зулфиев ба автореферат тақриз навиштааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти

ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда ба таҳлилу таҳқиқи мавзӯи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» - А. Самад пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар ду ҷилди роман бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Дар заминаи таҳқиқи рушди насри адиб навгониҳои ғоявии асар тавассути тасвири реалистии воқеият, вижагиҳои бадеӣ вобаста ба замону макон ва инъикоси худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар китобҳои якуму дуюми “Гардиши девбод”-и А. Самад **пешниҳод шудааст.**

Чун падидаи тоза маҳсуб шудани “Гардиши девбод”- и Абдулҳамид Самад бо тарзи хосаи композитсия, ғояи эҷод ва таҷдиди назари муаллиф нисбат ба ҳаводиси таърихӣ дар адабиёти даврони Истиқлолият **исбот шудааст**.

Масъалаҳои рушди насри адиб вобаста ба болоравии ҳунари нигорандагӣ ва тағйирёбии шароитҳои иҷтимоӣ ва даврабандии эҷодиёти нависанда **ҷорӣ карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ дар китобҳои дарсӣ ҳангоми баррасии мавзӯи муҳимми арзишҳои маънавӣ ва хотираи таърихии миллат ҷой намудан лозим аст. Ҳамчунин, аз ин таҳқиқ ҳангоми таҳияи курси лексияҳо дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар байни ҷавонон», «Инъикоси ҳофизаи таърихӣ дар насри муосир» дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик [давраи нав] барои мактабҳои олии филологии ҷумҳурӣ метавон истифода кард.

Исбот шудааст, ки мафҳумҳои худшиносии миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» инъикос гардидаанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, А. Н. Дремов, Л. Н. Демидчик, В. В. Виноградов, А. А. Гвахария, А. Б. Есин, Х. Мирзозода, Р. Мусулмониён, С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Шарифов **омӯхта шудаанд.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки зимни таҳқиқи аҳволу осори А. Самад ба равиши таърихият такя карда шудааст.

Инчунин дар ҳамбастагӣ ба мавзӯи асосии диссертатсия хусусиятҳои ғоявию мавзӯӣ ва услубиву бадеии насри адиб дар асоси принсипҳо ва усулҳои адабиётшиносии муосири тоҷик баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия методҳои таҳлилӣ, таърихӣ-филологӣ ва усули қиёсӣ-таърихии ҳодисаҳои адабӣ асос ёфтааст **истифода бурда шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфтидараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ дар китобҳои дарсӣ ҳангоми баррасии мавзӯи муҳимми арзишҳои маънавӣ ва хотираи таърихии миллат ҷой намудан лозим аст. Ҳамчунин, аз ин диссертатсия ҳангоми таҳияи курси лексияҳо дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар байни ҷавонон», «Инъикоси ҳофизаи таърихӣ дар насри муосир» дар омӯзиши таърихи .адабиёти тоҷик (давраи нав) барои мактабҳои олии филологии ҷумҳурӣ метавон истифода кард.

Вижагиҳои бадеӣ вобаста ба замону макон дар китобҳои якум ва дуюми романи «Гардиши девбод» **муайян карда шудаанд.**

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони соҳа, аз қабили М. Шакурӣ, Х. Шарифов А. Маҳмадаминов, М. Нарзиқул С. Ятимов ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Асарҳо ва таҳқиқотҳои Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев, А. Шеърдӯст, А. Маҳмадаминов, А. Кӯчарзода, Ш. Кабиров, С. Турсун, М. Имомзода, А. Раҳмонзода, маҷмӯаҳои осори А.Самад ва романи “Гардиши девбод” **истифода шудаанд.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ тарзи ифодаи образҳо, баёни воқеияти зиндагӣ, услуби фардӣ ва роҳи муайяни эҷоди нависанда **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати се сол дар баробари фаъолияти таълимӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун низ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи ҳафт мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласа 27 августи соли 2020 Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯзи дар бораи ба

Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор - 17 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Гулназарова Ж. Б.